# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон**

Диссертатсияи доктории Вализода Ҳокимхон Сафолиён ба таҳқиқ ва омузиши ташаккули забоншиносии навини тоҷик, алалхусус, марҳилаҳои рушди он дар солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ бахшида шудааст. Маҳз омузиши ин мавзуъ, имкон медиҳад, ки марҳилаҳои гузариш аз анъанаҳои классикии шарқӣ ба методологияи илми муосир муайян карда шуда, равандҳои табдили афкори илмӣ, таъсири омилҳои сиёсӣ ва инчунин нақши мактабҳои гуногуни илмӣ муайян карда шаванд. Дигар ҷиҳати муҳиммияти омузиши мавзуъ боз дар он зоҳир мешавад, ки дар ин марҳила пояҳои забоншиносии навини тоҷик гузошта шуда, масъалаҳои асосии сарфу наҳв, луғат, овошиносӣ, услубшиносӣ, фразеология ва шеваҳои забони тоҷикӣ ба як қолаби муайяни илмӣ дароварда шуданд.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат дорад.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки таҳқиқ ба муайянсозии марҳилаҳои афкори забоншиносии мардуми тоҷик равона гардида, дар он, пеш аз ҳама, алоқамандӣ ва зарурати дарки илмии равандҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули забоншиносии навини тоҷик мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсия муайян кардани омилҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик,

махсусан, дар нимаи дуюми асри XIX ва то замони бозсозии асри XX мебошад. Диссертант зимни омузиши мавзуъ 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқро пурра инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Диссертант зимни пажуҳиш ҷиҳати дар амал татбиқ намудани як қатор вазифаҳои мушаххас, аз қабили таҳқиқи асосҳои назариявии забоншиносӣ, муайян кардани марҳилаҳои оғози ташаккули забоншиносии навини тоҷик, мушаххас намудани марҳилаҳои асосии ташаккули афкори забоншиносӣ ва амсоли инҳо кушиш ба харҷ дода, тафовути ин марҳилаҳоро дар давраҳои муайяни таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертатсияи мазкур танҳо маводди назариявӣ нест, балки чун роҳнамо ва дастури амалӣ метавонад дар оянда дар тайёр намудани мутахассисони бахшҳои илми забоншиносии навини тоҷик, инчунин, барои рушди фаъолияти касбии онҳо нақши муассир гузорад.

Диссертатсия ва автореферати Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар сатҳи амиқи дарку фаҳмиши масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида, дар натиҷаҳову хулосаҳои асосии таҳқиқ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин, дар ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи омухташаванда таҷассум меёбад.

Дар матни диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии таҳқикро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект, асосҳои назариявӣ ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** маълумоти дақиқ, маводди кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссерататсионӣ ва амсоли инҳо собит менамоянд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи **Вализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”**-ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба ҳимоя пешниҳод намояд.

Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи **Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

– **Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директори Филиали Муассисаи давлатии автономии таҳсилоти олии касбии “Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе”.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино Низомӣ Санавбар Фахрӣ

“18” июни соли 2026

Имзоҳои С. Қ. Матробиён, Г.З. Абдуллоева, С.Ф.Низомиро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА